# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Абдуллозода Шодмон Абдулло дар мавзуи «Такмили усулҳои назорати сифати сементатсияи саргаҳи қабати намак» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ)**

Комиссияи экспертӣ, ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (протоколи № 4-1 аз 12 феврали соли 2026) таъсис дода шудааст, дар ҳайати зерин: раис – доктори илмҳои техникӣ Носиров Н.К. ва аъзоён – доктори имлҳои техникӣ, дотсент Саидзода Ҷ.Ҳ. ва эксперти беруна - декани факултети сохтмон ва меъмории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, номзади илмҳои техникӣ Якубов А.О. хулосаи зеринро пешниҳод менамояд:

**Мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илми 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ)**

Оморҳои ҷаҳонӣ ва рӯйдодҳои солҳои охир далолат медиҳанд, ки хатари воқеии осеб дидан ё ҳатто вайрон шудани иншооти гидротехникӣ вуҷуд дорад. Ҳодисаҳои фоҷиавии садамаҳо дар иншооти оббандӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ба қайд гирифта шудаанд.

Таҳлили садамаҳои бузурги иншооти обӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки яке аз сабабҳои асосии вайроншавии онҳо рушди карст дар қабатҳои поёнӣ мебошад. Аксар вақт ин ҳолат аз сабаби сифати нокифояи корҳои таҳқиқотӣ ва мониторинг, ки имкон надодаанд мавҷудияти кӯҳҳои карстиро сари вақт муайян кунанд ва ё аз наандешидани тадбирҳои зиддисуффозионӣ ба вуҷуд омадааст.

Дар айни замон таҷрибаи назаррас дар соҳаи тарҳрезӣ ва сохтмони обанборҳо дар ҷинсҳои маҳлулшавандаи карбонатӣ ҷамъ оварда шудааст. Мисоли нодир дар ин самт сарбанди Роғун мебошад, ки пояи он аз қабатҳои намаксанг иборат аст.

Бехатарии истифодаи сарбандҳо дар чунин шароитҳо то андозае аз интихоб ва асосноккунии дурусти тадбирҳои муҳофизат аз вайроншавии кӯҳҳо вобаста мебошад. Яке аз муҳимтарин тадбирҳои зиддисуффозионӣ, ки дар лоиҳаи муҳофизати қабати намаки асоси сарбанди Роғун пешбинӣ шудааст, ин сементатсияи саргаҳи қабати намак мебошад. Ҳадафи асосии он – нест кардани роҳҳои эҳтимолии ташаккули полоиши мутамарказ дар самти паҳншавии қабати намак аст.

Аз ин рӯ, назорати сифати сементатсияи саргаҳи қабати намак, инчунин муайян кардани роҳҳои ташаккули эҳтимолии полоиши мутамарказ, масъалаи хеле актуалӣ ва амалии муҳандисӣ ба шумор

меравад, ки аз ҳалли дурусти он эътимоднокӣ ва бехатарии истифодаи иншооти гидротехникӣ вобаста мебошад.

Аз тарафи унвонҷӯ мавзуи интихобгардида бо назардошти аҳамияти стратегӣ доштани НБО-и Роғун аҳамияти калони илмӣ-амалӣ дошта, дар пешрафти иқтисодиёти кишвар, инчунин ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ мақоми махсусро касб менамояд.

Омӯзиши натиҷаҳои таҳқиқот вобаста ба такмили усулҳои назорати сифати сементатсияи саргаҳи қабати намак нишон медиҳанд, ки масъалаҳои такмил додани усулҳои сементатсияи зичнамоӣ ва сақфии саргаҳи қабати намаки асоси сарбанди НБО-и Роғун дар доираи кори диссертатсионии унвонҷӯ ба таври кофӣ таҳқиқ шудаанд.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ ва ба самтҳои афзалиятноки илм дар Ҷумҳурӣ**

Муҳтавои кори диссертатсионӣ ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ мутобиқат мекунад:

- банди 1 “Таҳияи назария, усулҳои асосноккунии ҳисобӣ, лоиҳакашӣ ва сохтмони сарбандҳо аз маводи хокӣ; такмил додани таҳқиқоти геотехникӣ, динамикӣ ва полоишӣ; таҳияи конструксияҳои сарбандҳои хокӣ барои кор дар шароити иқлими сахт; таҳияи усулҳои пешгӯии ҳолатҳои фавқуллода ва асосноккунии илмии самтҳои таъмир ва таҷдиди сарбандҳои хокӣ”.

- банди 11 “Эътимоднокии истифодаи иншооти гидротехникӣ, таҳияи меъёрҳои нави бехатарӣ, системаҳои назорат ва мониторинги иншоот, такмил додани усулҳои ташхис ва мониторинги системаҳо ва объектҳои обӣ”.

**Инъикоси мукаммали муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб**

Муҳтавои асосӣ, натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои диссертатсионӣ дар таълифоти илмии довталаб ба таври пурра ва муназзам инъикос ёфтаанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва эътирофнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда масъалаҳои калидии таҳқиқотро дар бар мегиранд, аз ҷумла интихоби усули назорати маҳлули намакҳои то ҳадди сершуда дар системаи маҳлултайёрнамоӣ, таҳияи модели математикӣ ва усули ҳисобкунии амалӣ ҳангоми ҳал шудани қабати намак дар вақти ташаккули роҳи полоиши ҷамъшуда, таҳлили технологияи сементатсияи саргаҳи қабати намак бо усули санҷиши обии чоҳҳои назоратӣ барои муайян кардани сифати корҳои сементатсионӣ, таҳияи усули арзёбии сифати сементатсия дар саргаҳи ташаккули қабати намак.

Дар мақолаҳои [1–М], [3–М], [4–М], усули назорати ҷараёни полоиш дар асоси сарбанди НБО-и Роғун коркард ва пешниҳод карда шудааст. Корҳои [5–М], [6–М] ва [7–М] ба такмил додани усули назарати сифати сементатсияи зичнамоӣ ва сақфии саргаҳи қабати нама, интихоби усул ва дастгоҳ барои назорати сифати маҳлули намакоби сер, баррасӣ

ва интихоби варианти муҳофизати муҳандисии қабати намак бахшида шудаанд, ки мазмуни бевоситаи диссертатсияро инъикос менамоянд.

Маводи дар конференсияҳои илмӣ ба нашр расида ҷанбаҳои алоҳидаи таҳқиқотро инъикос намуда, натиҷаҳои фосилавӣ ва хулосаҳои амалии корро муаррифӣ мекунанд.

Ҳамин тариқ, маҷмӯи интишороти довталаб фарогири ҳамаи бахшҳои асосии кори диссертатсионӣ буда, мутобиқати пурраи мухтавои диссертатсияро бо натиҷаҳои илмии дар нашрияҳои чопшуда пешниҳодгардида тасдиқ менамояд.

**Иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия**

Мухтавои асосии диссертатсия дар шакли 18 мавод интишор шудааст, аз ҷумла: 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва эътирофнамудаи КОА-и назди Президенти ҶТ; 5 мақола дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ; муаллиф дорои 2 нахустпатенти ҶТ, 1 патенти Авруосиёгӣ ва 2 дастури таълимиву методӣ мебошад.

Банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Замимаи 2 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) аз ҷониби довталаб пурра иҷро гардидааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ**

Эътимоднокии натиҷаҳои ба дастовардашуда вобаста ба истифодаи усулҳои таҳқиқи физикӣ, химиявӣ, геофизикӣ, термометрӣ ва таҳлили математикӣ тасдиқ мегарданд. Дар ҷараёни гузаронидани таҷрибаҳои саҳроии геологӣ-геофизикӣ дар соҳили чапи неругоҳи оби барқии Роғун, дар тарқиши Ёнахш, ки қабати намак берун мебарояд, натиҷаҳои ба даст овардашуда ҳам аз ҷиҳати миқдор ва ҳам аз лиҳози сифат мувофиқ бо маълумоти таҷрибавии тадқиқоти пешинаи саҳроӣ мебошанд. Таҳқиқоти саҳроӣ бо усулҳои пармакунии чоҳҳо ва гирифтани кернҳо, инчунин бо асбобҳои кондуктометрӣ ва термометрӣ гузаронида шуданд.

**Масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба шуро**

Кори диссертатсияи Абдуллозода Шодмон Абдулло дар мавзуи «Такмили усулҳои назорати сифати сементатсияи саргаҳи қабати намак» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ) барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ тавсия карда шавад.

**Пешниҳоди муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар**

Муҳаққиқон зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.8. Сохтмони

гидротехникӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Ҳасанзода Нуралӣ Мамед** – доктори илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи «Асосҳо, таҳкурсиҳо ва иншоотҳои зеризаминӣ»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ;
- **Рахманов Азим Абдуллаевич** – номзади илмҳои техникӣ, дотсент, ходими калони илмии лабораторияи «Зилзилатобоварии биноҳо ва иншоотҳо»-и Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Ба сифати муассисаи пешбар – **Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон** пешниҳод карда мешавад.

**Иҷозати эълони ҳимоя**

Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

**Асолати матни диссертатсияи Абдуллозода Шодмон Абдулло 90,3% (маълумотномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2025) ва автореферати он 84,61% (маълумотномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2025)-ро ташкил медиҳад.**

**Нашр ва паҳн намудани автореферати диссертатсия**

Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис дар ҳаҷми 100 адад ва исрол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Абдуллозода Шодмон Абдулло дар мавзуи «Такмили усулҳои назорати сифати сементатсияи саргаҳи қабати намак» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаи илмӣ

**<u>ҚАРОР КАРД:</u>**

1. Диссертатсияи Абдуллозода Шодмон Абдулло дар мавзуи «Такмили усулҳои назорати сифати сементатсияи саргаҳи қабати намак» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳақиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Ҳасанзода Нуралӣ Мамед** - доктори илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи «Асосҳо, таҳкурсиҳо ва иншоотҳои зеризаминӣ»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ;

- **Рахманов Азим Абдуллаевич** – номзади илмҳои техникӣ, дотсент, ходими калони илмии лабораторияи «Зилзилатобоварии биноҳо ва иншоотҳо»-и Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар - Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои техникӣ Носиров Н.К.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои техникӣ Саидзода Ҷ.Ҳ.

номзади илмҳои техникӣ Якубов А.О.

«23» 02 соли 2026